**Тақризи**

**муқарриз Баротов Маҳмашариф Юсупович ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)». – Душанб. – 171 саҳ.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ воситаҳои алоқа бо суратҳои тез ба яке аз унсурҳои муҳими тамаддунӣ табдил ёфта, дар ин самт инқилоби бузург ба амал омад. Дар аввали ҳазорсолаи сеюм дар дунё воситаҳои нави гуногуни алоқа, аз он ҷумла кайҳонӣ ба вуҷуд омада дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон тағйирот ва пешравиҳои оламшумулро ба амал овард.

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард. Аз ин рӯ таҳлили муқоисавии таърихи ташаккул ва рущди воситаҳои алоқа, истифодаи таҷрибаи Тоҷикистони Шӯравӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол дар партави муносибати нав ба омӯзиши таърих, вақте ки таъсири идеология ба баҳодиҳии воқеаҳои мушаххаси таърихӣ ва равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, барои инъикоси таърихи пайдоиш ва инкишофи он имкониятҳои нави объективӣ фароҳам меоварад.

Ба андешаи ман, омӯзиши комил ва ҳаматарафаи таърихи ташаккул ва рущди воситаҳои алоқа ва саҳми онҳо дар рушди ҳаёти маданиву иҷтимоии икшвар то имрӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, барои боз ҳам васеътар инъикос намудани таърихи замони шӯравии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Рисолаи мазкури диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои

таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзӯъ қисман ва дар бобҳои алоҳида ҳангоми инъикоси масъалаи фарҳангӣ ва саноат баррасӣ шудааст: аз ҷумла дар асарҳои бунёдӣ ва маҷмуаҳо, асарҳои инфиродӣ ва мақолаҳои илмӣ.

Дар солҳои 1960-80-ум дар таърихнигории Тоҷикистони Шӯравӣ як қатор асарҳои дастаҷамъӣ ва монографияҳои инфиродӣ оид ба таърихи барқароршавӣ ва сохтмони объектҳои воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон пайдо шуданд.

Масъалаҳои таърихи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таърихи рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар таърихнигории Тоҷикистон, асосан, аз ҷанбаи таърихию ҳизбӣ муаррифӣ мешуданд, чунки ҳизб пешоҳанги ҳамаи оғозҳо буд. Дар ин масъала монографияи Кабиров Ҳ. «Рушди воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон» метавонад, намуна бошад. Ин аввалин кори илмие мебошад, ки ба масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон дар солҳои 50-ум бахшида шудааст. Дар он фаъолияти гуногунҷабҳаи ташкилоти ҳизбии ҷумҳуриявӣ доир ба сохтмонсозӣ, ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа баррасӣ мешавад. Инчунин дар кори Кабиров Ҳ., масъала дар контексти умумии ҷумҳурӣ баррасӣ мешавад. Вижагиҳои минтақа доир ба масъалаи тадқиқшаванда баррасӣ нашудааст.

Муҳаққиқ дар монографияи худ асосан масъалаҳои рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар солҳои 30-60-уми қарни XX-ро инъикос менамояд, ки онҳо хислати техникию иқтисодӣ доранд. Ба онҳо тадқиқотҳои солҳои 1946-1960, ки ба сохтусози Осиёи Марказӣ, дар маҷмӯъ ва бахши дигари он ба вилоятҳои ҷудогона бахшида шудаанд, тааллуқ доранд.

Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар тӯли солҳои 1924-1991 ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот аз соли 1924 оғоз меёбад, чунки дар ин соли

таърихӣ Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. анҷоми таҳқиқот бошад соли 1991 аст. Соли 1991 давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт ва дар ҷумҳурӣ сохти нави соҳибистиқлолӣ оғоз гардид. бинобар он соли 1991 барои миллати тоҷик соли бениҳоят таърихии бузург аст, чунки миллати тоҷик Истиқлолияти давлатӣ ба даст овард.

Аз ин ҷиҳат унвонҷӯ Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич мавзуи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро барои таърихи халқи тоҷик ба ҳайси рисолаи илмӣ бо унвони «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» интихоб кардааст.

Мубрамияти мавзуъ дар он низ зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи замони гузаштаи рушди системаи алоқа дар яке аз вилоятҳои калони ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин намуда буд, балки фаъолияти пурсамари соҳаи мазкур аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дошт. Зеро, дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар муқаддима унвонҷӯ мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда, сатҳи омӯзиш ва таҳқиқотро аз тарафи муҳаққиқон ва шахсиятҳои алоҳида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисола, манбаъҳои асосии таҳқиқот, навгониии илмии он, нуқтаҳои асосиаш ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва тавсиби натиҷаҳои тадқиқоти хешро мушаххас баён намудааст.

Навгонии илмии тадқиқоти мазкур аз он иборат аст, бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ масъалаҳои ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа дар даврони шӯравӣ дар вилояти Хатлон нишон дода шуда, саҳми онҳо дар рушди ҳаёти иҷтимоию фарҳангии кишвар муайян карда мешавад.

Барои расидан ба ҳадафи асосӣ ичрои вазифаҳои зерин зарурат дорад, ба мисли ҷамъбаст намудани тадқиқот ва таълифоти осори муҳаққиқон ва донишмандони соҳа, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом дода шудааст, таҳлили асарҳои илмии таърихнигории ба таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон бахшидашуда, таҳлил ва баррасии ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи минтақа (почта, радио, телефон, телеграф) ва инъикос намудани саҳми воситаҳои алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии вилояти Хатлон мебошад.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқоти унвонҷӯ Қурбонов М.М. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зерфасли он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати нигориши он аз ҷустуҷуйҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад. Мазмун ва муҳтавои дохили рисола бо мавзуоти бобҳо ва зерфаслҳо тарҳрезӣ шуда ва рӯйхати адабиёт пурра мувофиқат менамоянд.

Дар қатори ин ҳама муваффақият ва дастовардҳои хуби илмӣ дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо қимати онро меафзояд:

1.Баъзе мафҳумҳои русӣ ҷой дорад, яъне хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд

2.Маълумот оиди иштироки коргарони маҳаллӣ дар ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа мукаммал нест

3. Инъикоси ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа дар рӯзномаҳои даврӣ дар солҳои 30-80-уми асри XX дида мешавад, аммо дар рисола ба таври кофӣ истифода нашудааст.

Новобаста аз ин камбудиву норасоиҳои зикршуда, рисолаи Қурбонов М.М. дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» кори илмии анҷомёфта маҳсуб шуда, ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб

расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ба ӯ додани унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ мебошад.

Номзади илмҳои таърих: Баротов М.Ю.

Имзои н.и.т., саромӯзгор
Баротов М.Ю. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва КМ- и МДТ "ДДБ
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

18.04.2022

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС